*ТКБ 74.56*
*DOI:10.51844-2077-4990-2023-3-68-73*

# *МУНОСИБАТИ НАВ БА КАСБИНТИХОБКУНӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ ДАР ШАРОИТИ ТАҒИРЁБИИ ОЛАМИ КАСБҲО*

***Азизов Абдулатиф Абдуҳалимович,*** *д.и.п, профессор;* ***Дадобоева Мавлуда Абдуқаҳоровна,*** *н.и.п., дотсенти кафедраи технология ва методикаи таълими он-и МДТ "ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров" ( Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# *НОВЫЕ ПОДХОДЫ К ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ ОРИЕНТАЦИИ В ШКОЛЕ В УСЛОВИЯХ ИЗМЕНЯЮЩЕГОСЯ МИРА ПРОФЕССИЙ*

***Азизов Абдулатиф Абдухалимович,*** *д.и.п.,профессор;* ***Дадобоева Мавлуда Абдукахоровна,*** *к.п.н., дотцент кафедры технологии и методики ее преподования ГОУ "ХГУ имени акад. Б.Гафурова (Таджикистан,. Худжанд)*

# *NEW APPROACHES TO PROFESSIONAL ORIENTATION AT SCHOOL IN THE CHANGING WORLD OF PROFESSIONS*

***Azizov Abdulatif Abdukhalimovich,*** *Doctor of Pedagogical sciences, Professor;* ***Dadoboeva Mavluda Abdukahorovna,*** *candidate of Pedagogical sciences, Associate Professor of Technology and Teaching Methods department of SEI "KSU named after acad. B.Gafurov" (Tajikistan, Khujand),*
***E-mail:*** *azizov@mail.tj*

***Вожаҳои калидӣ:*** *касбинтихобкунии хонандагон; комёбии таҳсилот, сармояи шахсият, таъсиррасонии шабака дар низоми муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ*

*Дар мақола муносибати нав ба касбинтихобкунӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шароити тағирёбии олами касбҳо ва як қатор воситаи инноватсионӣ дар соҳаи касбинтихобкунии хориҷи кишвар мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Самаранокии касбинтихобкунии хонандагон дар сифати заминаи худмуайянкунии касбии онҳо ва муваффақияти ҳолати пешрафт дар соҳаи таҳсилоти касбӣ муоина карда шудааст. Пешгӯиҳои таҳияи муносибатҳои нав ба корҳои касбинтихобкунии мактабӣ дар мақола ошкор гардидааст.Нишон дода мешавад, ки касбинтихобкунӣ дар марҳилаи нави таърихӣ раҳнамоии касбии хонандагонро ба танзим дароварда, нақш ва мақоми онро дар ташаккули шахсият мукаммал месозад.*

***Ключевые слова:*** *профессиональный отбор студентов; образовательная успеваемость, личный капитал, влияние сети в системе общеобразовательного учреждения*

*В статье исследуется новый подход к выбору профессии в учреждениях общего среднего образования в контексте изменений в мире профессий и ряд инновационных инструментов в сфере зарубежного выбора профессии. Рассмотрена эффективность выбора студентами карьеры как основы их профессионального самоопределения и успешность состояния прогресса в сфере профессионального образования. Раскрываются прогнозы развития нового отношения к школьной карьере. Профессиональный отбор на новом историческом этапе регулирует профессиональную ориентацию обучающихся, повышает ее роль и статус в формировании личности.*

***Key words:*** *professional selection of students; educational performance, personal capital, the influence of the network in the system of a general education institution*

*The article discusses a new approach to choosing a profession in institutions of general secondary education in the context of changes in the world of professions and a number of innovative tools in the field of foreign profession choice. The effectiveness of students' choice of a career as the basis of their professional self-determination and the success of the state of progress in the field of professional education are considered. The article reveals the forecasts for the development of a new attitude to the school career. Professional selection at a new historical stage regulates the professional orientation of students, increases its role and status in the formation of personality.*

Маълум аст, ки дараҷаи олии касбинтихобкунӣ ин худмуайянкунии касб ба ҳисоб меравад. Дар ин сатҳ инсон мустақилона ва бошуурона барои интихоби масъулиятшиносонаи касб ва ҳаёт самаранок истифода кардани он тайёр аст "[9, с.257].

Дар таҷрибаи хориҷӣ амалисозии касбинтихобкунии хонандагон таҳлил карда шуда, педагогикаи алоқаи онҳо бо комёбии таҳсилот нишон дода шудааст.

Яке аз вазифаҳои таҳсилоти муосир - омодагии ҷавонон ба интихоби касб ва ба амаловардани бомуваффақияти фаъолияти касбӣ дар ҳаёти калонсолӣ мебошад. Дар ҳар як давраи таҳсилот ин вазифа бо равишҳои дигари иҷтимоии хонандагон – таълим ва тарбия зич алоқаманд мебошад. Аммо барои чӣ бошад, самаранокии танҳо низоми таҳсилоти касбӣ (муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва коллеҷҳо) оид ба сифати омодагии касбӣ ва шумораи хатмкунандагон аз рӯи ихтисос ба кор таъминшавӣ дар соли якуми баъди хатми муассисаи таълимӣ суст мегардад. Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, новобаста аз вазифаҳои он корҳои касбинтихобкунӣ бо хонандагон оид ба чунин меъёр, ҳамчун ташаккулёбии касбинтихобкунии онҳо ва омодаги ба интихоби касб баҳо намедиҳад. “Таҷриба нишон медиҳад, ки камбудиҳои касбинтихобкунӣ бо хонандагон дар дониш сусти асосҳои истеҳсолот, соҳаҳои хоҷагии халқ, тасаввуроти кам дар бораи мақсад, вазифа, мазмун, принсипҳо, методҳо, шаклҳо ва низоми корҳои касбинтихобкунӣ бо хонандагон дар раванди таълим ва дар фаъолияти беруназтаълим мебошад [10, с.110].Маълум аст, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии муосир бе ин ҳам масъалаҳои мушкил ва муҳим, масулиятнокии дар назди хонандагон, волидайни онҳо, инчунин давлат ба сифати омодагӣ бори гарон истодааст. Бо баробари ин хатари номуваффақиятии таҳсилот интихоби касби нодуруст пеш аз ҳама бо давраҳои мактабии маҳруки таҳсилотии ҷавонон алоқаманд аст. Заминаи онҳо дар муассисаи таълимӣ ташаккул меёбад, дар низоми таҳсилоти касбӣ ҳангоми даромадан ба бозори меҳнат амалӣ мегардад. Ин онро мефаҳмонад, ки сифати таҳсилоти мактабӣ бо муваффақиятии худмуайянкунии касбии хонандагон алоқаманд мебошад.“Касби инсон – роҳи ҳаётии ӯ, роҳи меҳнатӣ, то як андоза сарнавишти ӯ мебошад. Сарнавишти касбӣ дар инсон, ҳамчун ҳаёт, якто мебошад. Аз ин лиҳоз, эҳтимол, зарур аст ба нақшагирии саривақтӣ ва ҳаматарафаи он вақт ва қувваро сарф кунем” [5, с.95]. Тадқиқот нишон доданд, ки фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба касбинтихобкунии хонандагон имрӯз як қатор нуқсон даранд [1, с.79]. Сабаби он - сарбории аз ҳад зиёд доштани омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, мавҷуд набудани муносибатҳои муосир ба касбинтихобкунӣ, ки хусусиятҳои иҷтимоию мадании насли нави ҷавонон, норасоии маълумот дар бораи бозори менҳат ва олами касбҳо, комилан мувофиқ набудани таҷрибаи волидайн ба воқеияти муосир, таъсири шабакаҳои иҷтимоӣ ва бисёр дигар омилҳо ба назар гирифта намешавад. Дар ин шароитҳо барои мактаб таъсиррасонии шабакавӣ бо дигар муассисаҳои таҳсилотӣ ва ташкилотҳои меҳнатӣ, аҳамияти муҳимро ба даст меорад, ки норасӣ ва самаранок набудани корҳои касбинтихобкунии мактабро барои ҷуброн кардан имкони медиҳад. Мақсади мақола дар муоина кардани муносибатҳои нав ба касбинтихобкунӣ дар мактаб дар шароити таъғирёбии олами касбҳо ва бозори меҳнат иборат аст. Пойгоҳи таҷрибавии мақола маводҳои тадқиқотии аз тарафи муаллифон дар солҳои 2022-2023 иқдом гардидааст. Дар соли 2022 дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №19 ва №23 ш. Хуҷанд пурсиши муаллимони технология (таълими меҳнат), ҷонишини директорон ва роҳбари синф оид ба муаммо ва дурнамои корҳои касбинтихобкунӣ гузаронида шуд (n = 100, интихоби мақсаднок). Дар соли 2022 таҳлили ҳуҷҷатҳо-барномаҳои давлатӣ ва лоиҳаҳои миллӣ, - ки ба инкишофи низоми таҳсилот, инчунин ба пурзӯркунии корҳои касбинтихобкунӣ нигаронида шудаанд. Дар моҳи декабри 2022 таҳқиқоти таҷрибавии муаммоҳои номуваффақиятии таҳсилоти хонандагон амалӣ гардонида шуд, инчунин мусоҳиба бо муаллимон (n = 30), инчунин чор фокус- гурӯҳ бо хонандагон гузаронида шуд. Методи иловагии тадқиқот ба таҳлили дуюмбораи додаҳои педагогӣ ва иҷтимоии таҳқиқот оид ба муаммои касбинтихобкунӣ дар низоми таҳсилоти муассисаҳои таълимӣ хизмат мекунад. Вазъият ва шаклҳои корҳои касбинтихобкунии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии муосир. Касбинтихобкунӣ дар муассисаҳои таълимӣ ҳамчун унсури ҷудонашаванда буд ва мемонад, аммо дар солҳои 1990 асосҳои он вайрон шуда буд. Дар ин давра Вазорати маорифи ҶТ нисбат ба касбинтихобкунӣ дар вобастагӣ бо кам гардидани имкониятҳои молиявӣ ба гузаронидани корҳои касбинтихобкунӣ заифтар гардид [13,с.195]. Давраи шӯравӣ шакл ва методҳои касбинтихобкунӣ дар муассиса таҷдид карда шуда буд, вале комилан пурра таҳлил нашуда буд. Дар муассисаҳои алоҳидаи кишвар то ҳол анъанаҳои шӯравӣ нигоҳ дошта шудааст – асосан ба туфайли муаллимони нававар ва устохонаҳои таълимии тасодуфан боқимонда ва бо таҷҳизотҳои оддӣ маыащщаз гардида, киба меъёрҳои имрӯза мувофиқ намебошанд Барои бисёрии муассисаҳо муносибатҳои каммасраф ба ташкили ин раванд – соатҳои беруназсинфии мавзӯӣ, маслиҳати

психологҳо, ороиши деворахо оид ба касбинтихобкунӣ, вохӯриҳо бо намояндагони касбҳо, саёҳат ба корхонаҳо ва ғайра.

Ҳамаи онҳо қисман дар чорчӯбаи ба чорабиниҳои алоҳида бе ягон низоми методологӣ амалӣ мешуданд. Омилҳои иловагии манфӣ мумкин аст, мавҷуд набудани мутахассисон дар муассисаҳои таълимӣ оид ба касбинтихобкунии хонандагон машғул буда ҳисоб карда шавад.

Олимони соҳаи касбинтихобкунӣ чунин қайд кардаанд, ки "Мақсади касбинтихобкунӣ-тайёр намудани насли наврас ба интихоби бошууронаи касб мебошад. Аз ин лиҳоз, дар хонандагон ташаккул додани танзими маънавии иҷтимоии рафтор ва фаъолият дар алоқамандӣ бо интихоби касб, ташкили шароити берунӣ ва дохилӣ дар худмуайянкунии касбиро зарур мешуморад. Касбинтихобкуниро ҳамчун низоми илмию амалии тайёрии ҷавонон ба интихоби мустақилона ва озоди касб муоина кардан зарур мебошад. Он даъвати ба назар гирифтани хусусиятҳои фардии ҳар як шахсият ва зарурияти пурарзиши тақсимоти сарчашмаҳои меҳнатӣ ба нафъи хоҷагии халқро ифода мекунад [2, с.45]. "Таркиб ва хусусияти шахсият аз чунин омилҳо иборат аст: қисмати табиӣ (саломатӣ, нишонаҳои истеъдод, навъи низоми асаб); қисмати иҷтимоӣ микромуҳит (оила), макромуҳит (мактаб); қисмати фаъолият (таҳсил, тарбия); доираи эмосионалӣ – иродавӣ (ихтиёрӣ) озодона будан, рефлексия (ноустувор); доираи арзишӣ –ангезавӣ [12, с.128]. Талаботи рӯзафзуни истеҳсолоти муосир ба омода кардани кадрҳои баландихтисос масъалаи самтгирии тахассусии мактаббачагонро муҳим арзёбӣ мекунад. Омодагии тахассусии қисмати назарраси хонандагон алҳол ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ нест. Ҳуқуқи интихоби касб дар асоси қобилият, маълумот ва ниёзҳои ҷомеа бо назардошти хусусиятҳои психофизиологии шахсият, кори тарбиявӣ бо хонандагон ва волидайни онҳо, ҳалли бомаҳорати бисёр масъалаҳо, ки дар раванди самтгирӣ ба миён меояд, амалӣ мешавад. Комёбӣ дар ин раванд аз сатҳу сифати назарраси тайёр кардани мутахассисон вобаста мебошад"[2, с.26]. Таҷрибаи хориҷии бунёд ва амалӣ гардонидани муносибатҳои нав ба корҳои касбинтихокунӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. Ба наздикӣ китоби нави А.Мурашева дар бораи таҷрибаи корҳои касбинтихобкунӣ дар мактабҳои Европаро аз нашр баромад [7]. Онҳо дар натиҷаи қабули баъзе қонунҳо ё лоиҳаҳои калони миллӣ ба вуҷуд омаданд. Яке аз онҳо дар натиҷаи солҳо санҷидашудаи шакли шинос кардани хонандагон ба олами касбҳоро ифода мекунад. Дигарҳо баръакс, мебошад, ки ба наздикӣ ҳамчун иртиҷоъ ба хусусиятҳои ҷавонони насли наврас бо хосиятҳои ҷаҳонбинӣ ва рафтори онҳо, инчунин ҳамчун даъват ба тарҳи тезтаъғирбандаи таркиби ҷамъияти иҷтимоии касбӣ ба вуҷуд омадаанд. Дар ҳама ҳолат ин таҷрибаҳо гуногуншакл, маҳдуд ва метавонад натиҷаовар бошад. А. Мурашев низоми корҳои педагогҳо ва психологҳои мактабҳои шведиро тасвир кардааст, ки имрӯз аз оммавигардонӣ ва зоҳирпарастии корҳои касбинтихобкунӣ дур рафтаанд. Агар пештар дар амалигардондани корҳои касбинтихобкунӣ ҳамаи педагогҳо ҳатто директори мактаб ҷалб карда мешуд, имрӯз бошад, муаллимони шведӣ танҳо машварати умумиро ба он хонандагон, ки аллакай интихоби касбии худро муайян кардаанд, амалӣ карда мешавад. Бо хонандагони боқимонда (шумораи онҳо 20%) психологи касбӣ ё тютор, ки аз рӯи нақша машварати касбӣ ва ташхиси касбӣ мегузаронанд. Дар Шветсия то ҳол иштироки фаъолонаи давлат дар муайян кардани механизмҳо, технология, шакли ҳамкории мактаб ва дигар ташкилотҳо дар рафти касбинтихобкунии хонандагон нигоҳ дошта шудааст. Аммо кори мактаб аз ин хислати ягонагӣ расмиятчигӣ ба даст намеорад. Принсипи асосӣ дар мактабҳои шведӣ истифодаи воқеӣ ҳангоми касбинтихобкунӣ муносибати фардии касбӣ ба ҳар як хонанда боқӣ мемонад [8, с.245]. Аз рӯи ақидаи А.В.Гуртова, В.Н.Колесникова, М.А. Петухина дар Финляндияи муосир як қатор воситаҳои инноватсионӣ дар соҳаи касбинтихобкунӣ ба роҳ монда шуд, ки дар консепсияи таҳсилот асос ёфтаанд. Байни ин воситаҳо – "co-careering", модели вип - машварат, истифодаи IT-технология дар сохтани карераҳои фардӣ [3]. Принсипҳои асосии касбинтихобкунии хонандагон дар Финляндия – ин таълими ба амалия нигаронидашуда - ки алоқаи истифодаи донишҳои назариявӣ бо амалия имкон медиҳад ва низоми касбинтихобкунии хонандагон дар низоми мурофиқати касбии одам дар фосилаи тамоми умр. Ба ғайр аз ин касбинтихобкуниро мушовирон - мутахассисон (як мутахассин ба 150-200 хонанда), ки таҳсилоти педагогии пойгоҳӣ ва таҳсилоти иловагӣ дар соҳаи касбинтихобкунӣ ва машваратчигӣ дараҷаи магистрӣ дар соҳаи касбинтихобкунӣ ва машваратчигӣ доранд [3]. Дар касбинтихобкунӣ волидайни хонандагони финӣ фаъол ҷалб карда шуданд, аммо ҳаҷми соатҳо ба корҳои фардӣ бо онҳо ҳаҷми соатҳои ба машғулиятҳои гурӯҳи сарфшуда зиёдтар мебошад.

Таҷрибаи беназири касбинтихобкунии хонандагони душвортарбия дар Швецсария ҷамъоварӣ карда шудааст. Онҳое, ки то гирифтани аттестат таҳсил карда наметавонанд ба лоиҳаи (лифти иҷтимоӣ), ки соли 2006 ташкил шуда буд, ҷалб мекунанд. Иштирокчиёни лоиҳа якчанд соат дар як ҳафта дар асоси хоҳиши худ ва ройгон, дар амалия таҷрибаи касбии касби коргариро ва буҷети махсус, ки дараҷаи ихтисосро тасдиқ мекунад, кор мекунанд. Лоиҳаи мазкур зиёда аз 2500 корхонаҳои хурд ва миёнаи Швецарияро дастгирӣ ва таъмин мекунад. Механизми лоиҳаи мазкур на танҳо ҷавонони дар таҳсилот нобарорро ба олами касб ва бозори меҳнат ҳамгиро мекунад ва барои давоми хониш ҷалб кардан имконият медиҳад. Бисёрии ҷавонон мактабро ба талаботи амалию воқеии худ мувофиқ намуда хатм мекунанд [11].

Боиси таассуф аст, ки таҷрибаи гуногуни муҳими касбинтихобкунӣ дар мактабҳои хориҷи бо низом омӯхта нашудааст. Аммо ҳатто руҷӯъи на он қадар калон ба ин мавзӯъ дар бораи асосҳои таҳкурсии чунин кор тассавурот медиҳад. Пеш аз ҳама ин низом ва муносибати фардӣ, на ба сифати баёнот балки принсипи амалии воқеӣ истифода бурда мешавад. Ба ғайр аз он, ин кор аз тарафи мутахассисон бо ҳамкории хонандагон, омӯзгорон ва волидайн амалӣ гардонида мешавад. Ҷоиз ба қайд аст, ки ин принсип дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Тоҷикистон на он қадар амалӣ гардида шуда истодааст, чунки дар онҳо алоқаи байни волидайн ва асос барои чунин мутахассисон мавҷуд нестанд. Боз қайд карда мешавад, ки асоси ин ҳамгироии низоми мактабии касбинтихобкунӣ дар низоми васеъи ҳамроҳии одам дар доираи таҳсилоти касбӣ, маълумоти касбӣ дар олами касбҳо ба воситаи тамоми ҳаёт мебошад. Ин принсип метавонад ба воситаи инкишофи ҳамкории амалияи шабака амалӣ гардад.

Имкониятҳои корҳои касбинтихобкунии хонандагон ба воситаи ҳамкории мактаб бо воситаи шабака ба амал оварда мешавад. Аз рӯи ақидаҳои омӯзгорон ва роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ҳамкории шабакавӣ муваффақияти инкишоф додани ҳамаи самтҳои мактаби муосирро имконият медиҳад. Маҳз: пойгоҳи моддӣ-техникиро такмил медиҳад, таъминоти методиро инкишоф медиҳад, ихтисоси коркунонро баланд мебардорад, барномаи таҳсилоти соҳавиро амалӣ мегардонад, сифати таҳсилотро таъмин мекунад, фаъолияти беруназсинфиро ташкил медиҳад, барномаҳои ногоҳдории саломатии хонандагон, касбинтихобкуниро таъмин мекунад. Барои баҳодиҳии сарчашмаҳои ҳамкории шабакавӣ ҷадвали қиёсии панҷбалла истифода шуд, ки ба муайян кардани доираи дурнамои инкишофи ҳамкории шабакавӣ имкон дод. (Ба расми 1 нигаред). Муайян карда шуд, ки аз ҳама баллҳои баландро самти касбинтихобкунӣ, такмили ихтисоси муаллимон, ташкили фаъолияти беруназдарсӣ соҳиб шуданд. ТАҲСИЛОТ: ДАЪВАТИ ВАҚТИ НАВ




***Расми 1. Рейтинги ташкили самти фаъолияти таҳсилотӣ, ки дар он инкишофи шаклҳои шабакавии ҳамкорӣ зарур аст, балли миёна.***

Таҳлилҳо нишон дод, ки ҳамкории шабакавӣ дар низоми муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ нишон дод, ки барномаҳоми касбинтихобкунии хонандагон дар доираи шабакавӣ

бомуваффақият амалӣ мегардад. Маълумот оид ба касбинтихобкунӣ дар намуди модулҳо дода шудааст. Модулҳо аз тарафи хонандагон мувофиқи хоҳиши худ интихоб карда мешавад. Масалан: агар модул бо технологияи коркарди гӯшт алоқаманд бошад дар охир хонанда бояд ҳасиб тайёр карда тавонад.

Дар давлатҳои хориҷӣ дар синфи 9-ум ҳамкорӣ бо таҳсилоти миёнаи касбӣ давом меёбад, танҳо як модул ба тамоми сол интихоб кард мешавад. Маблағгузорӣ дар ин ҳолат аз се сарчашма амалӣ мегардад. Қисми он аз муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ интиқол дода мешавад, қисми дигар – ин маблағ аз волидайн (маблағ барои маводҳои сарфшуда), қисми сеюм – маблағҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ (таҷҳизот ва маблағҳо барои ташкил). Дар натиҷаи чунин ҳамкорӣ аз тарафи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ касбинтихобкунии хонандагон коллеҷҳо амалӣ гадонида мешавад ва дар навбати худ ба донишҷӯёни болаёқат соҳиб мешавад.

Дар синфҳои 10-11 ҳамкорӣ бо коллеҷҳо идома меёбад. Хонандагон дар муассисаи таълимӣ хондани худро давом медиҳанд, дар шакли рӯзонаю ғоибона бо фанҳо, муаллимони дар коллеҷ буда аз рӯи самти интихобии худ шинос мешаванд. Дар ҷамъбаст хатмкунандагони синфи 11 имтиҳони ягонаи давлатӣ ё бади таҷрибаомӯзии тобистона номнавис шудан дар коллеҷ ба курси 3-ро интихоб мекунад. Ба ғайр аз он онҳо метавонанд дар шӯъбаи шартномавии коллеҷ таҳсил кунанд, дар як вақт дар муассисаи таълимии олӣ.

Дигар афзалияти ҳамкории шабакавӣ муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бо муассисаи таҳсилоти олӣ дар вилояти Томск мавҷуд мебошад [4,с.114]. Ҳамкории мактаб бо Донишгоҳи давлатии Томск ба амал оварда мешавад.

То имрӯз дар шабакаи Донишгоҳ 84 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Томск ҷойгир мебошад. Ҳамкории Донишгоҳи давлатии Томск бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ соли 2002, дар доираи лоиҳа оид ба ташаккули механизмҳои инкишофи фазои таҳсилотии кушоди минтақа оғоз ёфта буд. Сараввал самти асосии ҳамкорӣ дар баланд бардоштани ихтисоси коркунони педагогӣ буд. Баъдтар ҳамкорӣ ба васеъшавӣ оғоз кард, ки чунин самтҳоро ба даст овард, масалан: касбинтихобкунии хонандагони синфҳои болоӣ ва дертар – ташаккули салоҳиятҳои нав дар хонандагони синфҳои болоӣ.

Бо овардани намуна оид ба касбинтихобкунии хонандагон ва коркунони педагогии Русия аз он шаҳодат медиҳад, ки роҳбарон ва муаллимони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ метавонанд аз ин шабакаҳо истифода бурда корҳои касбинтихобкуниро дарханандагон ҷоннок намоянд.

Ҳамин тариқ аз нигоҳи мо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии мамлакат дар оғози раванди сохтани низоми нави самараноки касбинтихобкунӣ истодааст. Дар онҳо таҷрибаи бойи чунин фаъолият дар гузашта мавҷуд мебошад, аз тарафи давлат дастгирӣ карда шуда истодааст, талабот аз тарафи ҷамъияти волидайн ва худи хонандагон мавҷуд аст. Мутаасифона ҳоло аз ҳама асосӣ – муносибатҳои консептуалӣ ба сохтори мақсадҳо, мазмун, механизм шаклҳои касбинтихобкунӣ дар асоси як низомӣ мавҷуд нест. Вобаста ба ин кори илмӣ - педагогии ҷиддӣ ва васеъ оид ба таҷрибаи русия ва хориҷа, одаткунӣ ба ҷамъияти муосири тоҷик ва бозори меҳнат, ба хусусиятҳои муосири насли хонандагон талаб карда мешавад. Заминаи муҳим, ташкили омодагии мутахассисон дар соҳаи касбинтихобкунии мактабӣ, баъди мактабӣ ва бунёди шароитҳои зарурӣ барои кори онҳо бо хонандагон бояд бошад.

## ПАЙНАВИШТ:

1. Антонова, М. В. Арзёбии самаранокии худмуайянкунии касбии мактаббачагони хурдсол: муносибати методологӣ/М.В.Антонова// Тарбияи шахсият. 2018.-№ 1. С. 107–117.
2. Азизов, А.А.Касбинтихобкунӣ. Китоби дарси барои донишҷӯёни муассисаҳои олии таълимӣ/А.А.Азизов,М.А.Дадобоева.-Хуҷанд: Нури маърифат, 2021.-292с.
3. Гуртов, В.А. От традиционной модели профориентации к системе сопровождения и консультирования на протяжении всей жизни: опыт Финляндии [Электронный ресурс]/В.А.Гуртов, В.И.Колесников, М.А.// Непрерывное образование: XXI век. 2019. № 2 (26). URL: https://lll21. petrsu.ru/journal/article.phpid=4725 (дата обращения: 26.01.2020).
4. Зобнина, А.А. Шароити ташкили ҳамкории шабакавии донишгоҳ ва мактаб: таҷриба ва мушкилот/А.А.Зобнина// Шарҳи илмӣ-педагогӣ. 2017.-№ 1.- С. 114–125.
5. Климов, Е.А. Как выбрать профессию: кн. для учащихся ст. классов сред. шк. – 2-е издание., доп. и дораб/Е.А.Калимов.-М.: Просвещение, 1990.-159с.

6. Минеев, В.Е. Синфҳои профилӣ ҳамчун яке аз шаклҳои самараноки роҳнамоии касбии наврасон /В.Е. Минеев, С.А.Федотов, Р.Р.Аҳмадҷонов// Таҳсилоти касбӣ дар Русия ва хориҷи кишвар. 2018. № 4 (32). 70–75с.
7. Мутахассисони чавон: [Вебсайти Reg. ҳамоҳангсозӣ маркази Свердл. вилоят World Skills Russia]. 2019. (Санаи дастрасӣ: 26.01.2020).
8. Мурашев, А. Другая школа. Откуда берутся нормальные люди/А.Мурашев.-М.,2019.-349 с.
9. Пряжников, Е.Ю. Профориентация: учеб.пособие для студ. высш. учеб. завидений / Е.Ю. Пряжникова, Н.С. Пряжников. -5-е изд., испр. и доп.- М.: Издательский центр “Академия”, 2010.-496с.
10. Профессиональная ориентация учащихся: Учеб. пособие для студентов пед. ин-тов по спец. № 2120 “Общетехн. дисциплины и труда” / А.Д.Сазанов, В.Д.Симоненко, В.С. Аванесов, Б.И. Бухалов; Под. ред. А.Д. Сазанова.-М.: Просвещение, 1988. -223с.
11.Работа без аттестата? Опыт Швейцарии [Электронный ресурс]. URL: https://ok.ru/video/11664819594 (дата обращения: 27.01.2020).
12. Савченко, М.Ю. Профориентация. Личное развитие. Тренинг готовности к экзаменам: 9-11 классы/М.Ю.Савченко.–М.: Вако, 2008.-240с.
13. Тарлавский, В. И. Некоторые аспекты необходимости технологизации профессиональной ориентации (историко-педагогический и научно-теоретический)/В.И.Тарлавский//Ученые записки : электрон. науч. журн. Кур. гос. ун-та. 2019. № 4. С. 188–197.

## REFERENCES:

1. Antonova, M. V. The way of self-choosing professions by younger schoolchildren: methodological approach // Personal development. 2018. No. 1. P. 107–117.
2. Azizov, A.A., Dadoboeva M.A. Choosing profession. Manual for students.-Khujand: Nuri marifat, 2021.-292p.
3. Gurtov, V. A., Kolesnikov V. N., Pitukhina M. A. From the traditional model of vocational guidance to the system of support and counseling throughout life: the experience of Finland [Electronic resource] // Continuous education: XXI century.2019.-No.-2(26).URL:https://lll21.petrsu.ru/journal/article.phpid=4725 (date of access: 01/26/2020).
4. Zobnina, A.A. The condition of university and secondary school coworking: experience and challanges// Scientific-pedagogical explanation. 2017.- No.- 1. P.114–125.
5. Klimov, E.A. How to choose a profession: book. for students Art. environment classes. school - 2nd edition., add. and dorab. M.: Enlightenment, 1990.-159p.
6. Mineev, V.E., Fedotov A.S., Ahmadjonov R.R. The profiles classes as the one of the ways of professional guiding of teenagers // professional education in Russia and abroad .-2018.- No.- 4 (32). 70–75p.
7. Young spesialists: [Website Reg. ҳamoҳangsozi markazi Sverdl. region of World Skills Russia]. 2019. (Date of access: 26.01.2020).
8. Murashev, A. Another school. Where do normal people come from? M.,-2019.-349 p.
9. Pryazhnikov, E.Yu. Career guidance: textbook for students. higher textbook envy / E.Yu. Pryazhnikova, N.S. Pryazhnikov. -5th ed., rev. and additional .- M .: Publishing Center "Academy", 2010.-496p.
10. Professional orientation of students: Proc. allowance for students pedagogical institutions. No. 2120 “General tech. discipline and labor” / A.D. Sazanov, V.D. Simonenko, V.S. Avanesov, B.I. Bukhalov; Under. ed. HELL. Sazanova.-M.: Enlightenment, 1988. -223p.
11. Work without a certificate? Experience of Switzerland [Electronic resource]. URL: https://ok.ru/video/11664819594 (date of access: 01/27/2020).
12. Savchenko, M.Yu. Career guidance. Personal development. Exam readiness training: grades 9-11. – M.: Wako, 2008.-240p.
13. Tarlavsky, V. I. Some aspects of the need for technologization of professional orientation (historical-pedagogical and scientific-theoretical) // Scientific notes: electron. Scientific magazine Kur. state university 2019. No. 4. P. 188–197.